*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди*
*Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар суроғаи*
*734025, ш.Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак,*
*шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзӯи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумиии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешкаш карда шудааст.**

Инкишофёбии алоқаҳои ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷӣ дар замони муосир барои бахшҳои иқтисодӣ зарур арзёбӣ карда мешавад, ки фаъолгардонии онҳо метавонад барои татбиқи ҳадафҳои тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат мусоидат намоянд. Ҳамкории мамлакат дар чорчӯбаи ҳамгироии иқтисодӣ пеш аз ҳама барои ҳамроҳшавӣ ба раванди инноватсионӣ, пойдор намудани институтҳои иқтисодӣ ва инфарсохтори бозорӣ зарур мебошанд. Маъмул аст, ки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои густариши ҳамкории иқтисодӣ ҳамчун ҷузъи таркибии хоҷагии ҷаҳонӣ барои ба роҳ мондани ҳамгироӣ бо ташкилотҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ нигаронида шудааст. Ҷоиз ба таъкид аст, ки раванди ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ ба роҳ мондани ҳамкории Тоҷикистонро бо аксарияти кишварҳои дунё тақозо намуда, ҳамзамон зарурати васеъ намудани доираи ҳамкории байналмилалии худро дар назар дорад. Дар замони муосир таъмини тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар бе дарназардошти равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар макони ҷаҳонӣ имконнопазир мегардад. Инкишофи ҳамкориҳо дар чорчӯбаи ҳамгироии иқтисодӣ мутобиқшавии иқтисодиёти миллиро ба муносибатҳои хоҷагидории ҷаҳонӣ таъмин карда, фаъолияти иқтисодиро ба нишондодҳои ҷаҳонӣ наздик менамояд. Дар ин ҷода таҳқиқи хусусиятҳо ва қонуниятҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир муҳим буда, дар асоси консепсияҳои алоқаҳои ҳамгироии муосир барои роҳандозӣ намудани ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ зарурати хоса пайдо менамояд.

Айнан бо гуфтаҳои боло муҳимият ва саривақтии таҳқиқоти илмии Зиёев Сулаймон Саъдулоевич муқаррар карда мешавад.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани объект, предмет, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар асоси омӯзиши корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, муаллиф тавонистааст, асоси консептуалии ҳамгироии иқтисодӣ ва тамоюлҳои инкишофи онро муайян ва баҳогузорӣ намояд (с. 9).

Бо истифода аз усули таҳлили эмпирикӣ Зиёев С.С. муайян кардааст, ки "шарикони асосии гардиши мол бо Тоҷикистон кишварҳои узви созмонҳои ҳамгироӣ мебошанд. Дар ҳаҷми муомилоти молии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2022 кишварҳои узви СҲШ (72,3%), ИДМ (52,9%), ва СҲИ (38,4%) саҳми назаррас гузоштаанд". (с. 12).

Боиси диққат аст, ки дар саҳифаи 21 автореферат унвонҷӯ SWOT – таҳлили аъзогии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) нишон дода, паҳлӯҳои мустаб, манфӣ, имкониятҳо ва хатарҳои имконпазирро аз иштирок дар ташкилоти ҳамгроӣ муайян кардааст.

Дар асоси таҳқиқи хусусиятҳои ҳамгроии Тоҷикистон бо ташкилҳои байналмилалии мухталиф, унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, ки "барои Тоҷикистон пайвастан ба ИИАО метавонад аз нигоҳи афзоиши сармоягузорӣ, боз кардани бозори устувори меҳнат ва содироти мол хеле судманд бошад". (с. 22). Инчунин Зиёев С.С. дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда хусусиятҳои хоси Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиёро дар бартараф намудани маҳдудиятҳо дар ҳаракати захираҳои меҳнатӣ, сармоя, мол ва хизматрасонӣ муайян намудааст. (с. 22).

Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия ба фикри мо як қатор норасогиҳо ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Дар дараҷаи таҳқиқи илмӣ мутасифона олимони шинохтаи Тоҷикистон, академикон Рахимов Р.К. ва Қаюмов Н.Қ. инъикос карда нашудаанд, ки аз тарафи ин олимон дар самти хусусиятҳои ҳамгироии

Тоҷикистон ба ташкилотҳои байналмилалӣ таҳқиқоти зиёд ба анҷом дода шудааст.

2. Хуб мешуд, агар ҳангоми таҳлили маълумоти оморӣ, муаллиф нишондодҳои солҳои 2023 ро фаро мегирифт, зеро дар баъзе ҷадвалҳо маълумот то соли 2021 оварда шудааст (ҷадвали 4 дар саҳифаи 17).

3. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф иштироки Тоҷикистон дар дигар ташкилотҳои ҳамгироӣ ба ғайр аз ИИАО баҳогузорӣ карда мешуданд.

Эродҳои номбаршуда ба мазмун ва паҳлӯи мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ҳамаи эродҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир", қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумиии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Зиёев Сулаймон Саъдулоевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумиии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедран назарияи иқтисодии**
**МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров",**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
"ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

Сана: 10.03.2025